## 20100 - Музд гирифтан барои таълими Қуръон ҷоиз аст

**савол**

Оё пул гирифтан дар муқобили таълим додани Қуръон дуруст аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз Кумитаи доимӣ оиди раво будани музд гирифтан барои таълими Қуръон пурсиданд.

Чунин посух доданд:

Бале, музд гирифтан барои таълими Қуръон бино бар саҳеҳтарини ду дидгоҳи донишмандон бо назардошти умуми сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҷоиз аст, ки ӯ мефармояд: **«Шоистатарин чизе, ки дар муқобили он музд гирифтаед, китоби Аллоҳ аст».** Ривояти Бухорӣ.

Ҳамчунин ба хотири ниёзи мардум ба он (ин амал ҷоиз аст).

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад бод.